«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор
_______________Золотухин А.В.
«___»_______________ 2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – кафедраи минтақашиносии хориҷӣ ва сиёсати хориҷии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон ба диссертатсияи Абдусмадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302-Таърихи умумӣ)**

Мувофиқи суратмаҷлиси № 17-и ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-024 барои ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ва доктори илмҳои таърихи назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29.07.2026 с. Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон ба диссертатсияи докторант (PhD) Абдусмадзода Абдуллоҳ Бурихон муассисаи пешбар таъин гардида буд.

Диссертатсияи Абдусмадзода Абдуллоҳ Бурихон дар доираи нақшаи панҷсолаи кори илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба иҷро расида, ба ихтисосе, ки аз рӯйи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат намуда, дар ҷаласаи кафедраи минтақашиносии хориҷӣ ва сиёсати хориҷии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон аз 11 сентябри соли 2026, № 2 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбӣ дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия аъзоёни кафедра: 2 нафар доктори илм, 2 нафар н.и.т., дотсент, инчунин 2 нафар омӯзгор, унвонҷӯёни кафедра иштирок доштанд.

Муассисаи пешбар дар хулосаи мусбати худ, ки аз ҷониби доктори илмҳои таърих, профессор Майтдинова Гузель Майтдиновна омода гардидааст, иброз менамоянд, ки диссертатсияи Абдусмадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсия дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» ба ихтисоси 6D020302-Таърихи умумӣ мутобиқати комил дорад.

**Мубрамии мавзуи** диссертатсионӣ дар он асоснок карда шудааст, ки то имрӯз дар таърихи умумӣ оид ба вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992-2001 таҳқиқоти алоҳида анҷом дода нашудааст. Дар баробари ин, Ассосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали раиси ҳукумат инитхоб гардиданаш дар ҳар як баромадҳои худ чи дар дохил ва чи дар хориҷ ва инчунин, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ аз хатари ҷой доштани терроризм дар хоки Афғонистон ҷомеаи байналмилалиро ҳушдор дода, баҳри мубориза дастаҷамъона бар зиди терроризм ва экстремизм даъват намудааст, ки ин ҳам мубрамии мавзуи диссертатсионии Абдусмадзода Абдуллоҳ Бурихонро нишон медиҳад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии диссертатсия аз таҳқиқи ҳамаҷонибаи равандҳои сиёсӣ-низомӣ дар Афғонистон дар солҳои 1992–2001 ва муайян намудани хусусият, омилҳо ва паёмадҳои мушкилоти давлатсозӣ дар ин марҳилаи муҳимми таърихи муосири кишвар иборат мебошад. Муаллиф бо такя ба таҳлили равандҳои сиёсӣ, низомӣ ва иҷтимоии давраи мавриди омӯзиш кӯшиш намудааст, ки сабабҳои шиддат гирифтани низоъҳои дохилӣ, заиф гардидани

институтҳои давлатӣ ва мушкилоти ташаккули ҳокимияти марказии устуворро муайян намояд.

Барои расидан ба мақсади мазкур дар диссертатсия маҷмӯи вазифаҳои ба ҳам алоқаманд муайян гардидаанд. Аз ҷумла, таҳқиқи вазъи сиёсӣ-низомии Афғонистон дар оғози солҳои 1990; муайян намудани омилҳои асосии ташаккул ва густариши низоъҳои дохилӣ; таҳлили муносибатҳои байни неруҳои асосии сиёсӣ ва низомии кишвар; баррасии равандҳои ба сари қудрат омадани ҳаракати «Толибон» ва таъсири он ба вазъи сиёсии Афғонистон; муайян намудани нақши омилҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ дар рушди воқеаҳои сиёсӣ-низомии кишвар; инчунин таҳлили мушкилоти ташаккули институтҳои давлатӣ ва низоми ягонаи давлатдорӣ аз вазифаҳои муҳимми таҳқиқот ба шумор мераванд.

Дар диссертатсия ҳамчунин ба муайян намудани робитаи байни низоъҳои дохилӣ, рақобати неруҳои сиёсӣ - низомӣ, таъсири қудратҳои минтақавӣ, байналмилалӣ ва раванди давлатсозӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст.

Бо дарназардошти ин бояд гуфт, ки мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ ба муҳтавои кори илмӣ мувофиқ буда, бо натиҷаҳои бадастомада дар тамоми қисмҳои диссертатсия иртиботи мустақим доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертасионӣ** аз он иборат аст, ки бори аввал дар шакли мукаммал масъалаҳои вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992–2001 таҳқиқ гардидааст. Дар диссертатсия назар ва андешаҳои муҳаққиқони мухталиф оид ба масъалаи мазкур ҷамъоварӣ ва таҳлил шудаанд, ки нахустин иқдом дар самти шиносоии бештар аз вазъияти низомию сиёсӣ ва мушкилоти давлатсозии Афғонистон дар солҳои 1992 - 2001 мебошад.

**Асоси назариявии таҳқиқотро** усулҳои муносибати комплексиву системавӣ ва маърифатии дар илми муосири таърих истифодашаванда – таърихият, пайдарпайии хронологӣ ва мантиқӣ, масъалагузорӣ, шаффофият ва беғаразӣ дар асоси факту далелҳо ташкил медиҳад.

**Саҳми илмии довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ ва арзёбии аҳаммияти он.** Муаллифи диссертатсия дар таҳияи навгониҳои илмӣ, омода кардани матлабҳо барои ҳимоя, нашри мақолаҳои илмӣ ва ширкат дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва семинарҳои назариявӣ саҳми арзанда дорад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисола дар ҳаҷми 172 саҳифаи матни компютерӣ таҳия гардида, бо мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ мебошад. Кори илмӣ аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда (197 номгӯй) иборат буда, тарҳи он пайдарҳамӣ ва мантиқи дохилии таҳқиқро таъмин менамояд.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқшаванда асоснок шуда, сатҳи омӯзиши он дар илми ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ гардидааст. Ҳамчунин, объект ва мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, инчунин саҳми шахсии муаллиф ва сохтори умумии кор шарҳ до да шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Ба қудрат расидани аҳзоби исломии мухолиф дар Афғонистон ва паёмадҳои он»** ном дошта аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввал таҳти унвони **«Заминаҳои дохилӣ ва байналмилалии сарнагун гардидани ҳукумати Муҳаммад Наҷибулло»** омилҳои дохилӣ ва байналмилалии сарнагуншавии ҳукумати Муҳаммад Наҷибулло бар асоси манбаъҳои хаттии таърихии муҳаққиқони нимаи дуюми асри XX ва аввали асри XXI, ки дар

ҷараёни таҳқиқ мавриди истифода қарор гирифтаанд, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Зербоби дуюми боби якум таҳти унвони **«Ишғоли шаҳри Кобул аз тарафи мухолифони исломӣ ва ташкили Давлати Исломии Афғонистон (ДИА)»** ба таҳлилу омӯзиши ҷараёни мазкур бахшида шудааст. Муаллиф дар ин зербоб бо истифода аз осори илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба мавзуи мавриди таҳқиқ алоқамананд, маълумоти муътамадро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Муаллиф ҳангоми баррасии масъала, асарҳои таҳқиқотиро бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофии муаллифон ба се гурӯҳ ҷудо карда, дар бораи онҳо маълумоти мухтасар пешниҳод намудааст. Ӯ таъкид мекунад, ки бо вуҷуди таҳқиқи мавзуъ аз ҷониби донишмандони хориҷӣ ва дохилӣ, масъала то ҳол печидагиҳое дорад, ки ниёз ба як таҳлили мустақили таърихӣ дошт ва ин вазифаро Абдусмадзода Абдуллоҳ Бурихон ба анҷом расондааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Ихтилофҳо байни гурӯҳҳои сиёсию низомии исломӣ ва таъсири он ба раванди ташкили давлати мутамарказ»** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби аввали ин боб **«Шиддат гирифтани мухолифат байни гурӯҳҳои низомию сиёсӣ: сабабҳо ва паёмадҳои он»** номгузорӣ шудааст. Дар он ихтилофҳо миёни ҳизбҳо, ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои низомӣ, шиддат гирифтани зиддият байни онҳо, омилҳои дохилӣ ва хориҷии ин раванд, инчунин паёмадҳои он мавриди таҳлили илмии диссертант қарор гирифтаанд.

Зербоби дуюм таҳти унвони «Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии Афғонистон ва таъсири он ба раванди ташкили давлати мутамарказ» ба омӯзиши раванди таҳаввулоти сиёсӣ дар нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX дар Афғонистон бахшида шудааст. Дар он сабабҳо ва омилҳои таъсиргузор ба ташаккули як давлати мутамарказ аз дидгоҳи

муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ таҳлил шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия бо унвони **«Зуҳур ва ташаккули ҳаракати «Толибон»»** аз се зербоб иборат мебошад.

Зербоби аввали он таҳти унвони **«Омилҳои дохилӣ ва хориҷии зуҳури ҳаракати «Толибон»»** таҳлили таърихи пайдоиши ин ҷараёни нави радикалии афғонӣ ва ба сари қудрат омадани он, инчунин омилҳои дохилӣ ва хориҷии таъсиррасонро дар бар мегирад. Диссертант ин равандро бо назари тоза ва услуби хоси таърихнигорӣ таҳқиқ намудааст.

Зербоби дуюм бо унвони **«Андешаҳои динию сиёсӣ ва сиёсати иҷтимоии «Толибон»»** ба омӯзиши равандҳои ташаккули идеологияи ҳаракати «Толибон» ва фаъолияти баъдии онҳо бахшида шудааст. Дар он нишон дода мешавад, ки онҳо бо такя ба афкори динии худ дар ташкили як давлат – Аморати исломӣ кӯшиш ба харҷ доданд. Диссертант моҳияти ин равандро бо тамоми ҷузъиёташ таҳлил намудааст.

Зербоби сеюми боби сеюм **«Шаклгирии муқовимат бар зидди «Толибон» ва терроризми байналмилалӣ»** номгузорӣ гардида, ба таҳлили посухи неруҳои дохилӣ ва ҷомеаи байналмилалӣ ба сиёсатҳои зулму истибдоди «Толибон» равона шудааст. Дар он тарзу усулҳои мудирияти асримиёнагии онҳо, ки бо истифода аз зӯроварӣ ва тарс ба ҷомеа таҳмил мегардид, баррасӣ ва таҳқиқ шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, хулосаҳои асосӣ ва пешниҳоди муаллиф ҷиҳати идомаи таҳқиқоти минбаъда дар ин самт пешниҳод шудаанд

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои онҳо ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Натиҷаҳои мушаххаси илмии диссертатсия дар он ифода меёбанд, ки докторант (PhD) дар таърихнигории умумӣ бори аввал таҳқиқоти илмии ҳамаҷониба ва

мукаммалро оид ба мавзуи мавриди назар анҷом дода, хулосаҳои илмии мушаххасеро пешниҳод намудааст, ки дорои аҳаммияти назарраси илмӣ ва амалӣ мебошанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Унвонҷӯ оид ба диссертатсия худ 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Сохтор ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Абдусмадзода Абдуллоҳ Бурихон мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯйи он мебошад. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар диссертатсия камбудию норасоиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Ба назари ман, дар баъзе қисматҳои рисола таҳлили робитаи байни омилҳои дохилии бuҳрони сиёсӣ ва таъсири омилҳои хориҷӣ метавонад боз ҳам мукаммалтар гардад. Аз ҷумла, муносибати байни ихтилофҳои дохилӣ ва дахолати қудратҳои минтақавӣ дар ташаккули вазъияти сиёсӣ-низомии Афғонистонро метавон бо мисолҳои бештар нишон дод.

2. Мумкин буд марҳилабандии давраи таҳқиқот боз ҳам равшантар сурат гирад. Хусусан, фарқияти хусусиятҳои сиёсию низомии солҳои 1992–1996 ва давраи баъди соли 1996, яъне марҳилаи ҳукмронии «Толибон» метавонад ба хонанда барои дарки пайдарҳамии равандҳо мусоидат намояд. Соли 1996 воқеан марҳилаи муҳимми тағйири тавозуни қудрат дар Афғонистон ба ҳисоб меравад.

3. Таваҷҷуҳи бештар ба масъалаи муносибати ҳокимияти марказӣ бо фармондеҳони маҳаллӣ ва сохторҳои ғайрирасмии қудрат метавонист

ҷанбаи таҳлилии рисоларо боз ҳам қавитар созад. Дар солҳои мавриди таҳқиқ қисми зиёди қаламрави кишвар берун аз назорати самараноки ҳукумати марказӣ қарор дошт ва сохторҳои маҳаллӣ дар иҷрои як қатор вазифаҳои давлатӣ нақши муҳим пайдо карда буданд.

4. Дар таҳқиқоти минбаъда ё ҳангоми нашри натиҷаҳои рисола метавон ба масъалаи таъсири вазъияти Афғонистон ба амнияти кишварҳои ҳамсоя, махсусан Тоҷикистон ва дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ, таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуд. Ин ҷанба барои таҳқиқоти минтақавӣ аҳаммияти хос дорад, зеро равандҳои сиёсию низомии Афғонистон бо муҳити амниятии минтақа алоқаманд буданд.

5. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ва автореферати он каме ғалатҳои услуби ва техникӣ ба назар мерасанд.

Бояд гуфт, ки камбудию норасоиҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Бартараф намудани онҳо метавонад сатҳи илмӣ ва таҳлилии таҳқиқотро боз ҳам такмил бахшад.

Хулоса, сохтор ва мазмуни диссертатсияи Абдусмадзода Абдуллоҳ Бурихон дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992–2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ» ба талаботи бандҳои 31 - 35 -и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби доктори илмҳои таърих, профессор Майтдинова Гузель Майтдиновна омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи минтақашиносии хориҷӣ ва сиёсати хориҷии

Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон баррасӣ, ҷонибдорӣ ва тасдиқ карда шудааст.

Дар натиҷаи овоздиҳӣ аз – 6 нафар иштирокчиён: тарафдор – 6 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

(Суратмаҷлиси кафедра таҳти №2, аз 11 сентябри соли 2026).

**Раиси ҷаласа,**
**Мудири кафедраи минтақашиносии**
**хориҷӣ ва сиёсати хориҷии**
**Донишгоҳи славянии**
**Россия ва Тоҷикистон**
**номзади илмҳои таърих, дотсент** **Абдубасиров Аброр Абдухамитович**

**Ташхисгар,**
**профессори кафедраи минтақашиносии**
**хориҷӣ ва сиёсати хориҷии**
**Донишгоҳи славянии**
**Россия ва Тоҷикистон**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Майтдинова Г.М.**

**Котиби ҷаласа:** **Скворцова А.В.**

**Имзоҳои Абдубасиров А.А., Майтдинова Г.М.**
**ва Скворцова А.В. - ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи**
**Славянии Россия ва Тоҷикистон** **Боровицкая Л.А.**

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

**Суроғаи муассиса:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30
Телефон: (+992) 37 221-35-50
Почтаи электронӣ: Abdubasirov89@mail.ru

17. 09. 2026.